# ОҲАНГ
# ВА СУРУДҲОИ
# САИДМУРОД
# ҲОТАМОВ

Душанбе
2011

ББК 84 Тоҷик 7-4-5

Тартибдиҳанда
*Марям Саидова*

**Оҳанг ва сурудҳои Саидмурод Ҳотамов.**
– Душанбе, 2011, 72 саҳ.

ISBN 978-99947--_________

© Саидмурод Ҳотамов, 2011

# З А Б А Р Д А С Т

Саидмурод Ҳотамов пас аз хатми синфи ҳафтум ба курси ронандагӣ дохил шуда, онро ба итмом расонд ва ронанда шуд. Аммо меҳри санъат, шавқи сурудгӯӣ дар дили ӯ ошён гузошта буд. Падараш ҳарчанд ҳофиз набошад ҳам асбобҳои думбра ва ғижакро хуб менавохт…

Дар рӯзгори пуршӯру шари Саидмурод, ҳофизи ҷавону умедбахш соли 1952 рӯйдоди фаромӯшнопазире рух дод. Ӯ бо устоди санъати тоҷик Акашариф Ҷӯраев, ки бо дастаи ҳунариаш ба деҳаи онҳо омада буд, вохӯрд. Ва баъди ошноӣ аз эшон фотеҳа гирифт…

Соли 1953 дар колхоз дастаи ҳаваскорорни санъат ташкил ёфт. Саидмурод, ки дер боз ин навгониро интизор буд, яке аз аввалинҳо шуда, ба он аъзо шуд. Ӯ акнун дар ин ҷо навохтани рубоб, тор, ғижак ва дуторро меомӯхт ва маҳорати сарояндагии хешро такмил медод. Он овон ба дастаи ҳунарӣ яке аз машшоқони машҳури кишвар Алиҷон Ҷӯраев сарварӣ мекард. Ӯ ба Саидмуроди закӣ ва боистеъдод аҳамияти махсус медод. Зеро ҷавон табъи баланди сарояндагию навозандагӣ дошт,ки он аз ояндаи неки ӯ гувоҳӣ медод. Акнун сурудҳои ӯ натанҳо дар шабнишиниҳо, балки дар шипангҳои саҳроӣ ва байни заҳматкашон садо медод. Овози форами ӯ аз деҳа ба дуриҳои дур парвоз мекард.

Соли 1956 Ходими шоистаи санъати Тоҷикистон Шоҳназар Соҳибов ба хоҷагии онҳо омад ва дар бораи аз байни ҷавонон хоста гирифтани ҷавонони санъатдӯст сӯҳбат гузаронд. Саидмурод дар назди ин устоди фарзонаи миллат чанд суруди халқиро бо маҳорати баланд иҷро кард. Овози гиро ва форами ӯ ба устод мақбул афтод ва эшон Саидмуродро барои дохил шудан ба курси яксолаи роҳбарони дастаи ҳаваскорони бадеӣ, дар назди мактаби ҷумҳуриявии маданӣ- равшаннамоии ноҳияи

Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) тавсия дод.

С.Ҳотамовро пас аз хатми курс ба хонаи маданияти шаҳри Қӯрғонтеппа ба сифати роҳбари дастаи ҳаваскорон ба кор фиристоданд. Он вақтҳо дар назди хонаи маданият ҳамагӣ як кружок амал мекард, ки он сечор аъзо дошт.Дар натиҷа, дастаи навозандагон, ҳофизон, раққосон созмон ёфт. Аъзои кружок бо роҳбарии Саидмурод Ҳотамов ба колхозу совхозҳои қаламрав ба сафари ҳунарӣ рафта, консертҳо намоиш медоданд.

Мавсуф соли 1963 ба шӯъбаи ғоибонаи Омӯзишгоҳи маданӣ-равшаннамоии ҷумҳуриявӣ дохил шуда соли 1967 онроо бомуваққият хатм намуд.

Солҳо мегузаштанд барқосо. Заҳматҳои пайваставу шабзиндадориҳояш буданд, ки Саидмурод Ҳотамов нахуст ба дастаи ҳаваскорони санъат ва сипас ба Театри халқии Қӯрғонтеппа асос гузошт. Баъдан, бо мурури замон маҳз бо кӯшишу пофишориҳояш Театри давлатии мусиқӣ-мазҳакавии Қӯрғонтеппа таъсис ёфт. Ҳунарманди варзидаро акнун на ҳамчун роҳбар, балки чун асосгузор мешинохтанд. Тӯли қариб 40 сол дар водии зарнисори Вахш ӯ гули сари сабади маҳфилҳо буд. Ӯ навохту суруд, таҳия намуду роҳбарӣ кард ва бо ҳунараш дар он моваро ғулғула афканд.

Тӯли солҳои 60-70 уми асри гузашта шаборӯз заҳмат мекашид, сарбаландона кор мекард. Ҳамаи вазифаҳои давлативу ҷамъиятиро ҳалолу устодона пеш мебурд. Ҳам роҳбарии дастаи мусиқӣ ва ҳам таҳиягариву директории хонаи маданиятро. Садои ширину марғуладораш дар водии Вахш ва овозаи заҳматҳояш дар пешравии Театри мусиқӣ- мазҳакавии Қӯрғонтеппа вирди забонҳо чарх мезад, маҳбуби мардум буд. Акнун якҷо бо дастаи ҳунариву театри тозасозмонаш бо фалакхониву сурудҳои миллӣ ва намоишномаҳои тозаи театрӣ марзи вилоятро убур кардаву дили дӯстдорони санъати асилро дар шаҳрҳои бузург амсоли Душанбеву Маскав тасхир

мекарданд…

Баъди он ки курси яксолаи роҳбарони бадеиро барои дастаҳои ҳунарӣ хатм кард, давутозаш афзуд. Он замон мутахассисони соҳаи ҳунар намерасид. Ӯ якбора дар шаш боргоҳи ҳунар: хонаи пионерони шаҳр, хонаи маданияти Қӯрғонтеппа, мактаби миёнаи №6, мактаб-интернат, курсҳои шабона ва омӯзишгоҳи энергетикии шаҳр бори заҳмат бар дӯш дошт. Ҷавониву ғайрат ва аз ҳама муҳимаш шавқу меҳри беандоза нисбат ба санъат ӯро нерӯманд гардонда буд…

Номи устоди ҳунар Саидмурод Ҳотамов сар то сари кишвар бо суруди дилнишину ғулғуладори «Ман доғ» танин андохт. Оҳанг ва суруди халқии мазкур ба ӯ аз овони кӯдакӣ ошно буд. Онро қиблагоҳаш дар ғаллазорони деҳаи Билисуф басо дилнишин месуруд. Ӯ мақсад гузошт, ки ин оҳангро ба пуррагӣ аз нав созад. Бо ин ният бо чандин деҳқони солдидаи қаламрав вохӯрд. Ҳар яке «Ман доғ»-ро бо оҳангҳои аз ҳам фарқкунанда месуруданд…

Саидмурод онҳоро муқоисакунон бо ҳам омехт ва савтҳои қалбашро ба он ҷур кард. Оҳангро тарзе омода намуд, ки таҳти иҷрои он саҳначае гузоштан мумкин буд. Сипас, ҳамин хел ҳам шуд. Ин оҳанг ба зудӣ ба мардум писанд афтод. Ва аз ҳамон дам ин суруди халқӣ ба номи Саидмурод Ҳотамов тавъам гашт. Устоди забардаст эҷоди «Ман доғ»-ро бурди дастаи мутрибону сарояндагони театри халқӣ меҳисобид. Ин суруди сирф халқиро ӯ бори нахуст дар озмуни ҷумҳуриявии дастаҳои худфаъолиятӣ ва театрҳои халқии «Бӯстон» дар Театри академии опера ва балети ба номи Айнӣ бо ҳайати сарояндагону навозандагони 56 нафара иҷро намуданд. Он хело олӣ баромад ва маҳсули захмати ҳунарварон бо даҳ хол – баҳои баланди озмун қадр шуд.

Дар заминаи маҳфили бадеӣ театри халқӣ ташкил шуд ва Саидмурод Ҳотамов режиссёри он таъин гардид. Ӯ ҷавонони қобилиятнок Нуралӣ Давлатов, Субҳон Мир-

зоев, Салими Тағой, Абдулло Юсуф, Тошбойи Қурбон, Аъзамҷон Низомӣ, Қаландар Низомӣ, Қаландар Худоӣ, Ҷорубалӣ Саидов, Нигина Раҳматова, Зулайхо Тухтанова, Раҳматбии Ӯлмас, Сабоҳати Байзо, Зебои Чила, Салимаи Тухтамбегӣ, Салимаи Болта, Шарифаи Қаро, Мавлуда Эгамова, Майрам Саидова ва дигаронро дар театр гирд овард.

Оҳангҳои «Баҳори Вахш», «Насими Вахш» дар фазои Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагиҳои халқ (ВДНХ)-и Иттиҳоди Шӯравӣ, дар шаҳри Москва чанд рӯз паи ҳам танинандоз гаштанд. Зеро он ба мардуми гуногунмиллат мақбул афтода буд. Дар интиҳои намоиш ҳунари волои Саидмурод Ҳотамов бо медали тиллоии «ВДНХ СССР» тақдир гардид.

Аз он пас ӯ боз оҳангҳо навишту суруд эҷод кард. Саидмурод оҳанги халқии «Майдаё»-ро такмил дод. Ҳамчунон оҳанги «Қалъабандӣ»-и Акашариф Ҷӯраевро бо тарзи худ такмил дода месуруд.

Оҳангҳои «Надонистам» (Ҳилолӣ), «Гул ба бозор омадаст», «Зулоли зебо» (Саъдӣ), «Панди устод» (Суҳайлӣ Ҷавҳаризода), «Дилбари ширинсухан», «Эй парӣ» (Ҷомӣ), «Васият» (Сайдалӣ Вализода), «Марши баҳор», «Таронаи ман» ва ғайра эҷоди устод Саидмурод Ҳотамов аст…

Соли 1965 С. Ҳотамов бо ҷалби дастаи хеш асари саҳнавии якпардагии «Лаббайхӯҷа» (Шамсӣ Қиёмов), саҳначаи «Ин тавр ҳам мешавад», «Лаганбардориро бад мебинам»-ро ба саҳна гузошт. Дар он намоишномаҳо шогирдони ин устоди пурҳунар ҳаваскорони ҷавон Субҳон Мирзоев, Салим Тағой, Сабоҳати Мирзо, Салимаи Болта ва дигарон хеле хуб ҳунарнамоӣ намуда, маҳбуби тамошобинон гаштанд.

Соли 1966 асари «Шӯҳрати хорпуштак» (Султон Саидмуродов) ба саҳна омад. Нақшҳоро ҳаваскорон Бозор Шариф, Тошбой Қурбон, Шарифа Қараева, Маҳмадалӣ Қурбон ва Саидмурод Ҳотамов иҷро карданд. Ҳамон

сол дар шаҳри Душанбе азназаргузаронии театрҳои халқӣ доир шуд. Дастаи мазкур маҳфили ҳаваскорони санъат буд, на театр. Ба таври истисно онҳо дар ин озмун ширкат варзиданд. Намоишнома ба доварон писанд афтод. Ҳини ҷамъбасти озмун ба Саидмурод Ҳотамов ва Тошбой Қурбон соатҳои дастии «Маяк» ва костуми мардона тӯҳфа карданд.

Баъди театри халқӣ ном гирифтани дастаи ҳаваскорон устод Саидмурод Ҳотамов намоишномаҳои зиёдеро ба саҳна гузошт. Аз ҷумла «Васвасабону» (Ш. Қиём), «Дарди бедаво» (А. Шарифӣ), «Қассос» (С. Саидмурод), «Бародарон» (М. Бахтӣ), «Духтур аз сарҳад» (М. Миршакар), «Шабҳои фироқ» (А. Шукӯҳӣ), «Дар хати фронт» (А. Кулик) ва ғайраҳо дар ёди мухлисону ҳунарварон, саҳфаи таърих нақш бастаанд.

Умуман, тӯли фаъолияташ Саидмурод Ҳотамов дар театри халқӣ 36 асари бисёрпардагӣ ва 41 асари якпардагиро чун коргардон рӯи саҳна овард.

Соли 1971 дар азназаргузаронии ҷумҳуриявии театрҳои халқӣ дастаи онҳо ҷои аввалро соҳиб шуданд. Ва дастаи мазкурро бо сарварии Саидмурод Ҳотамов барои ширкат дар Намоишгоҳи Комёбиҳои хоҷагии Халқи Иттиҳоди Шӯравӣ тавсия доданд. Дар Москва онҳо бурдборона ҳунарнамоӣ карда ба ватан баргаштанд...

Моҳи декабри соли 1971 бо фармони Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон ба Саидмурод Ҳотамов унвони олӣ - Коркуни хизматнишондодаи маданияти Тоҷикистон доданд. Вай аз қадр шудани заҳматҳояш рӯҳу илҳоми тоза гирифт. Аз ин қадрдонӣ ҳунарманд сараввал қабл аз ҳама аз Усмон Мӯъмин, собиқ котиби якуми ҳизбии шаҳри Қӯрғонтеппа сипосгузорӣ мекард…

Ӯ боз бо ғайрати дучанд ба умқи кор ғутид. Дастаи ҳунарии Саидмурод Ҳотам соли 1972 дар азназаргузаронии ҷумҳуриявии дастаҳои ҳаваскорони санъат ва театрҳои халқӣ, дар шаҳри Душанбе иштирок намуда,

соҳиби дипломи дараҷаи якум шуд. Президиуми Совети Олии Тоҷикистон театри халқии шаҳри Қӯрғонтеппаро барои иштироки фаъолона дар равнақу инкишофи санъати халқии тоҷик, барои маҳорати баланди навозандагию овозхонӣ бо Грамотаи фахрӣ мукофотонид.

Маҳз дар ҳамин айём Саидмурод Ҳотамов бо дастаи ҳунарияш панҷ маротиб дар шаҳри Москва дар толори консертии ба номи Чайковский, толори бузурги Қасри калони съездҳо, саҳнаҳои НКХХ, дар таҷлили ҷашни 60-солагии устод Мирзо Турсунзода дар толори калони Қасри Советҳо ҳунарнамоӣ карданд…

Дар хусуси заҳматкашӣ, сахтгирии Саидмурод Ҳотам нисбати тобеон қиссаҳо зиёданд. Шогирди устод Ҳуҷамқул Сатторқул ба ёд меорад:

- Дар яке аз сафарҳои навбатӣ, дар шаҳри Москва қабл аз ҳунарнамоӣ дар саҳнаи НКХХ чорае андешидан пеш афтод, ки диққати мардумро ба гӯшаи Тоҷикистон ҷалб намоем. Барои ҷалб карнай воситаи хубе аст. Мо карнай доштем, аммо карнайнавоз набуд. Устод Саидмурод Ҳотамов баману Абдулло Юсуф амр доданд, ки карнай навозем. Илоҷи дигар надоштем. Ман-ку гоҳ-гоҳ шӯхиомез карнай менавохтам, аммо карнайнавоз набудам. Ҳарду чунон зӯр зада карнайнавозӣ кардем, ки лабҳоямон варам ва захм бардошт. Як ҳафта дуруст на нӯшида тавонистем на хӯрдан…

Ҳамчунон С. Ҳотамов бо Грамотаи Президиуми Совети Олии Тоҷикистон (1963), нишони «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» (1966), медали «Барои меҳнати шоён ба муносибати 100-солагии зодрӯзи В.И.Ленин» (1970), нишони «Аълочии фарҳанги СССР» (1974) сарфароз шудааст.

Ҳунару номи ӯ дар лавҳи хотири дӯстдорон монда! Зиҳӣ, забардасти оламӣ санъат. Ҳунар, хидмати шоистаро халқу ватан солҳои зиёд ёд хоҳанд кард.

Якуми августи соли 2008 қалби забардасти олами ҳунари тоҷик «Коркуни хизматнишондодаи маданияти

Тоҷикистон» Саидмурод Ҳотамов аз тапидан бозмонд. Аз ӯ суруду оҳангҳои зиёде ба ёдгор мондааст…

Тӯли чанд муддати таҳқиқ дар бораи 19 суруди забардаст маълумот пайдо намудем:

Ба хизмат меравӣ (Алӣ Бобоҷон), Эй бехабар (Карим Девона), Гули нозукниҳоли ман (Саъдӣ), Боди сабо расад гули раъноро (Саъдӣ), Аз замин то осмони тоҷикӣ (Хайрандеш), Боз ошиқ шаваму зиндагӣ аз сар гирам (Лоиқ), Гул ба бозор омадаст (Саъдӣ), Мактуб (П. Сатторӣ), Попуррии «Ман доғ», Надонистам (Ҳилолӣ), Зулоли зебо (Саъдӣ), Панди устод (Суҳайлӣ Ҷавҳаризода), Дилбари ширинсухан (Ҷомӣ), Эй парӣ (Ҷомӣ), Васият (Сайдалӣ Ализода), «Баҳори Вахш»-оҳанги С.Ҳотамов, Навозиш (дойра) – оҳанги С.Ҳотамов, Марши «Баҳор»- оҳанги С.Ҳотамов, «Насими Вахш» -оҳанги С.Ҳотамов.

Ҳамзамон аз як дафтари равоншод номгӯи 28 суруди дигар маълум шуд:

«Зулфи зебо», «Насиҳатнома», «Нишона дорад», «Сиёҳчашмак», «Гуноҳи ман чӣ шуд?», «Манол аз ҷабри ёр», «Салом айтинг» (ӯзбекӣ), « Бе ту ба ҳар ҷо рафтам», «Аз дасти ғам», «Он рӯи зебо», «Оташ занам», «Мехоҳад дилам», «Доғи лола», «Меҳрубонумдан чудо» (ӯзбекӣ), «Фарзанди азизам», «Ҷони ширин», «Он рӯзе, ки», «Эй гул, эй гул», «Шаб омадам, аммо», «Шӯхи балоча», «Фалак», «Оташи…», «Меравад», «Гандумкубон» (овоз ҳаст, сабт нашудааст), «Таронаи ман», «Ибтидо кардам», «Худовандо ту медонӣ», «Қиёмат дар замини Карбало шуд».

*Умари ШЕРХОН,*
*адиб*
*26.01.2011*

# ВАҚТИ ГУСЕЛ

С. Хотамов
А.Бобочон




сархат
тем пай - ванд
авч
Би - рав ам - ри ди - ё - рат - ро а - до кун,
ма - ро бо хиз - ма - ти аъ -
ло ри - зо кун
Би - рав ам -


65
ри ди - ё - рат - ро а - до кун, ма - ро бо
69
хиз - ма - ти аъ - ло ри - зо кун Фар-
73
зан - ди дил- бар, фар- зан - ди дил- бар, фар-
77
зан - ди дил- бар Фар- зан - ди дил- бар, фар-
81
зан - ди дил- бар, фар- зан - ди дил- бар фар-
85
зан - ди дил- бар фар - зан - ди дил- бар фар -
89
зан - ди дил - бар
93

## ВАҚТИ ГУСЕЛ

*Шеъри Алӣ Бобоҷон*

Ба хизмат меравӣ шоду фараҳманд,
Гуселат мекунам фарзанди дилбанд.
Ба ҳар ҷое равӣ мову ту бо ҳам,
Мисоли ҷону дил ҳастем пайванд.

Бирав, амри диёратро адо кун,
Маро бо хизмати аъло ризо кун.

Ҳамеша сарбаланду дар амон бош,
Ватанро аз дилу ҷон посбон бош.
Ватан бар мову ту чашмаст зинҳор,
Барои ҳифзи ӯ чун мижагон бош.

Бирав, амри диёратро адо кун,
Маро бо хизмати аъло ризо кун.

# БОДИ САБО ГАР РАСАД ГУЛИ РАЪНОРО

С.Хотамов




33
ха - зон о - фат ра - сад гул - хо -
37
и раъ - но - ро Ки аз бо - ди
41
ха - зон о - фат ра - сад гул - хо -
45
и раъ - но - ро
49
53
1.
2.
57
Ди - ло то ме - та - вон им -
61
руз фур - сат - ро га - ни - мат


65
дон,
69
ки дар о - лам на - ме - до -
73
над ка - се ах - во - ли фар - до -
77
ро. Чу дар бо -
81
зо - ри хусн аз як та - раф пай - до
85
шу - ди но - гах, Ха - ри - до - ро -
89
ни Ю - суф бар - та - раф кар -
93
данд сав - до - ро Ха - ри - до -


ро - ни Ю - суф бар - та - раф кар - данд
сав - до - ро
А - чаб дар -
де, ки фар - до мо - хи ман аз - ми
са - фар до - рад,


129
Би - ми - рам кош им - ру - зу
133
на - би - нам ру - и фар - до - ро
137
141
Ма - ро гар аз та - ман - но - и
145
ту о - яд ба - ло бар сар,
149
Зи сар бе - рун на - хо - хам кард
153
хар - гиз ин та - ман - но - ро
157




## БОДИ САБО ГАР РАСАД ГУЛИ РАЪНОРО

*Шеъри Ҳилолӣ*

Ба чашми луфт гар бинӣ гирифторони расворо,
Бихоҳам гӯшаи чашме, ки расво кардаӣ моро.

Ҳазар кун аз дами сарди рақиб, эй ғунчаи хандон,
Ки аз боди хазон офат расад гулҳои раъноро.

Дило то метавон имрӯз фурсатро ғанимат дон,
Ки дар олам намедонад касе аҳволи фардоро.

Чу дар бозори ҳусн як тараф пайдо шудӣ ногаҳ,
Харидорони Юсуф бартараф карданд савдоро.

Аҷаб дарде, ки фардо моҳи ман азми сафар дорад,
Бимирам кош имрӯзу набинам рӯи фардоро.

Маро гар аз таманнои ту ояд бало бар сар,
Зи сар берун нахоҳам кард ҳаргиз ин тамaноро.

Ҳилолӣ чи ҳадди он, ки бар моҳи рухат бинад,
Ба ишқи нотамомиӣ ӯ чӣ ҳоҷат рӯи зеборо.

# АЗ ЗАМИН ТО ОСМОНИ ТОҶИКӢ

С.Хотамов
ш.Хайрандеш




33
1.
2.
37
41
45
49
53
57
61


65
69
73
77
81
85

## АЗ ЗАМИН ТО ОСМОНИ ТОҶИКӢ

*Шеъри Хайрандеш*

Шиштанӣ дорад сари дастархони тоҷикӣ,
Мазза дорад хӯрдани як бурда нони тоҷикӣ.

Эй биё бо ҳам даромеземy сар боло кунем,
Аз замини тоҷикӣ то ба осмони тоҷикӣ.

Офарид, эй офтоб, эй хок, эй ҳаво,
"Маснавии маънавӣ" рӯҳи равони тоҷикӣ.

"Шоҳнома" гуфтан осон нест дар аҳди гадо,
Ҳаст лозим қудрату тобу тавони тоҷикӣ.

Ворисӣ Исмоили Сомонӣ аст Эмомалӣ,
Тоҷикистон, бишкан акнун ормони тоҷикӣ.

Хайрандешо, ғазао бисёр мегӯӣ чаро?
Мазза дорад шеър гуфтан бо забони тоҷикӣ.

# ГУЛ БА БОЗОР ОМАДАСТ

С.Хотамов
ш. Саъди




33
37
Авчи суруд
Най, ки ме - но - лад ха - ма
41
навозиш
дар мач - ли - си о - зо - да - гон,
45
суруд
Най, ки ме- но - лад ха - ма
49
дар мач - ли - си о - зо - да - гон, Зон ха - ме - но - лад, ки бар
53
вай зах - ми би- сёр о - ма - даст Зон ха - ме- но - лад, ки бар
57
вай зах - ми би- сёр о - ма - даст
61
65
68

# ГУЛ БА БОЗОР ОМАДАСТ

*Шеъри Саъдӣ*

Ман дигар дар хона наншинам асиру дардманд,
Хоса ин соат, ки гуфтӣ, гул ба бозор омадаст.

Ӯд месӯзад ё гул медамад дар бӯстон,
Дӯстон ё корвони мушки тотор омадаст.

Най, ки менолад ҳама дар маҷлиси озодагон,
З-он ҳаменолад, ки бар вай захми бисёр омадаст.

То напиндорӣ, ки баъди аз чашми хоболуди ту,
То бирафтӣ хобам андар чашми бедор омадаст.

Саъдиё гар ҳиммате дорӣ манол, аз ҷабри ёр,
То ҷаҳон будаст, ҷабри ёр бар ёр омадаст.

# ГУЛИ НОЗУКНИҲОЛИ МАН

ш. Шерози

С.Хотамов




гар - дад
Си - ёх - бах - там ман аз ру -
зе, ки он так - ди - ри хак бу -
даст,
ба ман хал - ки
ча - хон ум - ре, па - и о - зор


ме - гар - дад.


97
101
105
109
113
117
121
1.
125
2.


129
133
1.
137
2.
141
145
148
151
154

# ГУЛИ НОЗУКНИҲОЛИ МАН

*Шеъри Шерозӣ*

Ба ҳар кас дӯстӣ кардам, ки душманвор мегардад,
Ниҳоли гул агар корам, ба ман гул хор мегардад.

Сиёҳбахтам ман аз рӯзе, ки он тақдири ҳақ будаст,
Ба ман халқи ҷаҳон умре паи озор мегардад.

Гуландоме, ки меҳраш бар дили ман ошно гаштаст,
Замон андар нафас бо ман ба сад озор мегардад.

Агар хоҳам занам фарёд зи ҳаҷри холи ҳиндуяш,
Гули нозукниҳоли ман зи ман безор мегардад.

# МАКТУБ

П.Саттори
С.Хотами




33
Аз ра - хи дур аз чи - гар- бан - дат би - хон
37
Ас - ка - ри мар - зи за - фар- ман - дат би - хон
41
Ас - ка - ре, ки чун ди- ло - ваРус - та - маст Шух - ра -
45
таф - кан дар та - мо - ми о - ла - маст
49
53
57
61


65
69
73
77
81
85
89

# МАКТУБ

*Шеъри Пиримқул Сатторӣ*

Нақарот:
Ассалом, эй модари ширинзабон,
Ассалом, эй модари беҳтар зи ҷон.
Мефиристам ин саломи оташин,
Ин салому ин каломи оташин.

Аз раҳи дур аз ҷигарбандат бихон,
Аскари марзи зафармандат бихон.
Аскаре, ки чун диловар Рустамаст,
Шӯҳратафкан дар тамоми олам аст.

Нақарот:

Шод бош аз ҳамчу ман фарзанди худ,
Ҳамчу ман фарзанди дилпайванди худ.
Дар сари ҳар як қадам орам баҷо
Ман насиҳатҳои ту ҷон модаро.

Нақарот:

Бас тафохур мекунам аз он ки ман,
Посбонам бар ту, эй Модар-Ватан.

# БОЗ ОШИҚ ШАВАМУ




33
сархат
Бо зо - шик ша - ва - му
37
зин - да - ги аз сар ги - рам, ро - хи де- рин би - гу - зо-
41
рам ро - хи ди- гар ги - рам Ха - ма - ро тарк ку - нам
45
шом - га - хон чун хур - шед, до - ма - ни субх ка - шам
49
до - ма - ни дил - бар ги - рам Ха - ма - ро тарк ку - нам
53
шом - га - хон чун хур - шед, до - ма - ни субх ка - шам
57
до - ма - ни дил - бар ги - рам
сарахбори мусики
61
авч
Боз як бо - ри ди - гар то - за - ча - во - ни би - ку - нам
На - ша - вам даст - ху - ши вас - ва - са - и кур - ди - ли,




# БОЗ ОШИҚ ШАВАМУ

*Шеъри Лоиқ*

Боз ошиқ шаваму зиндагӣ аз сар гирам,
Роҳи дерин бигузорам, роҳи дигар гирам.

Ҳамаро тарк кунам шомгаҳон чун хуршед,
Домани субҳ кашам, домани дилбар гирам.

Боз як бори дигар тозаҷавонӣ бикунам,
Баҳри ҷонон зи фалак лолаи ахтар гирам.

Нашавам дастхуши васвасаи кӯрдилӣ,
Ҷуфти дилхоҳ чу як ҷуфти кабӯтар гирам.

Сӯзи афзунам аз он аст, ки рӯзе чу чароғ,
Сари гӯри падару модари худ даргирам.

Кӯрпистон бувад модари дунё, эй дил,
Биравам маслиҳати умр зи модар гирам.

# МАН ДОҒ (ПОПУРИ)

С.Хотамов




25
28
31
34
37
40
43
46

# МАН ДОҒ (ПОПУРИ)

*Қисми 1*

Эй оллоҳ, эй оллоҳ ёре,
Ман доғам ёр дӯст.

Гандумаки худрӯй дарав мекардуме,
Эй ёраки раҳдурӣ хабар мекардуме.
Эй ёраки раҳдурӣ хабар дорӣ ту,
Дар пуштаву ёлаҳо дарав мекардуме,

Эй оллоҳ, эй оллоҳ ёре,
Ман доғам ёр дӯст.

*Қисми 2*

Гандум лола, миёни гандум лола,
Ошиқ шудаям ба духтари қинғола.
Ин духтари қинғола ба мо дил дода,
Ду чашми сиёҳ, забони булбул дора.

Кабӯтараки сафеда дар чар дидум,
Мисли ту духтари бевафо будӣ фаҳмидум,
Аз тахти дилул даромада санҷидум,
Охир, ки ту бевафо будӣ фаҳмидум.

Эй ҷӯраи ҷон на хобу на бедорум,
Дар ишқаки ту афтода ғамбеморам.
Ҳамаи духтари хушрӯра дӯст медорум,
Дар қоши сияҳ ҳалқа барояд ҷонум.

# ЭЙ БЕХАБАР

С.Хотамов




33
ар, эй бе - ха - бар, эй бе - ха - бар
37
1.
2.
41
45
49
53
1.
57
2.
То чон до -
61
ри дар ба - дан, кор ме - ку - ни


бах - ри ка - фан.
О - хир чу - до и аз ва - тан,
эй бе - ха - бар, эй бе - ха - бар


97
2.
О - хир чу - до
101
и аз ва - тан, эй бе - ха - бар,
105
1.
2.
эй бе - ха - бар
109

## ЭЙ БЕХАБАР

*Шеъри Карим Девона*

Доим ба хоб астӣ магар,
Бархез бар олам нигар.
Олам шудаст зеру забар,
Эй бехабар, эй бехабар.

То ҷон дорӣ дар бадан,
Кор мекунӣ баҳри кафан.
Охир ҷудоӣ аз Ватан,
Эй бехабар, эй бехабар.

Ҷони ту бошад дар қафас,
Дорӣ ба ину он ҳавас.
Дастат нагирад ҳеҷ кас,
Эй бехабар, эй бехабар.

Акнун ту ғофил гаштаӣ,
Аз ҳақ сухан кам гуфтаӣ.
Фардо ба дӯзах рафтаӣ,
Эй бехабар, эй бехабар.

# МАРШИ «БАҲОР»

С.Хотамов




33
1.
2.
37
41
45
49
53
57
61


65
69
73
77
81
85
89
93


97
101
105
109
113
117

# НАВОЗИШИ «ГУЛИ ВАХШ»

С.Хотамов




33
37
41
45
49
53

# НАВОЗИШИ «НАСИМИ ВАХШ»

С.Хотамов




33
37
1.
41
2.
45
49
53
57
61


65
69
73

# НАВОЗИШ

С.Хотамов




33
37
41
45
49
кисми 2
53
57
61


65
69
73
77
81
85
89
93


97
101
105
109
113
117



Баромади ансамбли «Вахш» дар ВДНХ ш.Масковбо суруди «Дилоро як Ватан дорам» Давлатҷон Муқимов ва Саидмурод Ҳотамов месароянд. Соли 1971.



Дар поён аз чап ба рост: Саидмурод Ҳотамов, Файзулло Ҳанипов, Нуралӣ Давлатов ва Шариф Гулов. Соли 1973.



Навозиш «Насими Вахш». Баромад дар боғи маданияти ш.Қурғонтеппа. Соли 1973.



Баромад дар боғи маданияти ш.Қурғонтеппа.
Рақси «Вохӯрӣ». Оҳанги С.Ҳотамов.
Дар рақс Болтаева Салима ва Зебо Исоева. Соли 1965.



Дарси мусиқи дар мактаби №6 ш.Қурғонтеппа.
Муаллими суруд С.Ҳотамов. Соли 1965.



Баромади ғунчаҳои санъат дар бои маданият. Суруди «Зебоҷонам»-ро дастаи ҳунарии мактаб бо роҳбарии С.Ҳотамов иҷро мекунад. Соли 1970.



Машқ дар хонаи пионерон.
Муаллими мусиқи С.Ҳотамов. Соли 1959.



Баромад бо талабагони мактаб-интернати ш.Қурғонтеппа бо суруди умумии «Ватанам», оҳанги роҳбари гурӯҳ С.Ҳотамов. Соли 1967.



Баромади ансамбли «Вахш» ва театри халқии ш.Қурғонтеппа дар назди чорводорон. Суруди ҳаҷвӣ «Шофёри бадмаст» дар иҷрои Субҳон Мирзоев. Оҳанги С.Ҳотамов.



Баромади ансамбли «Вахш» дар боғи маданият бо суруди умумии «Салому табрик», оҳанги С.Ҳотамов. Соли 1970.



Даҳаи Тоҷикистон дар Ӯзбекистон.
Суруди «Як шаба меҳмонуме», оҳанги С.Ҳотамов,
Тошканд, соли 1975.



Даҳаи Тоҷикистон дар Ӯзбекистон.
Суруди «Гули нозукниҳоли ман» дар иҷрои С.Ҳотамов.
Тошканд, соли 1975.



Баромади С.Ҳотамов бо суруди «Гул ба бозор омадаст».
Бо дойира Шариф Гулов ва бо тор Нуралӣ Давлатов.



Ансамбли навташкилшуда дар хонаи маданияти
ш.Қурғонтеппа, роҳбари бадеӣ Саидмурод Ҳотамов.
Соли 1956



Шогирдон дар сӯҳбати устод С.Ҳотамов. Соли 1956.



Ансамбли«Вахш». Рақси «Чор гул» дар иҷрои Зебо Давлатова (Валентина Аверченко). Оҳанги С.Ҳотамов, соли 1973.



Баромади ансамбли «Вахш» дар студияи «Останкино»-и ш.Маскав. Соли 1972.





Баромад дар хирмани саҳроӣ дар назди пахтачинҳо бо суруди «Духтари Хатлонзамин» дар иҷрои Майрам Саидова



Саидмурод Ҳотамов, соли 1977.



Президенти Академияи илмҳои педагогӣ Муҳаммадалӣ Лутфуллоев дар аёдати дӯсти наздик устод Саидмурод Ҳотамов. ш.Қурғонеппа, соли 2007.

**Оҳанг ва сурудҳои**
**Саидмурод Ҳотамов**

Муҳаррири ороиш Р.Шералӣ

Ба чопаш ______ имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 4,5.

Дар матбааи ________ чоп шудааст.